# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод гардидааст**

Баланд бардоштани эътимоднокии арзёбии ҷараёни оби дарёи Зарафшон, ки барои тавозуни об ва пешгӯии он дар шароити фаромарзӣ аҳамияти муҳим дорад, барқарорсозии қаторҳои маълумоти тӯлониро талаб мекунад. Азбаски дар зерҳавзаҳои Киштӯд ва Мағиён, ки манбаъҳои асосии обёрӣ заминҳои шаҳри Панҷакент мебошанд, дар давраи вегетатсия норасоии об мушоҳида мешавад, таҳияи чорабиниҳои илман асоснок оид ба мутобиқсозии реҷаи обгирӣ бо назардошти истифодабарии техналогияҳои каммасрафи обёри ва тағйирёбии иқлим то соли 2050 зарурати мубрам аст. Инчунин, муқаррар кардани сарҳадҳо ва хусусиятҳои гидрологии объектҳои обӣ ҳамчун воҳидҳои асосии банақшагирии идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон вазифаи муҳими таҳқиқот ба шумор меравад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот аз муайян намудани хусусиятҳои омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаи ҳавзавии Зарафшон, дақиқсозӣ ва арзёбии ҳолати муосири захираҳои оби рӯизамии ҳавза, инчунин пешгӯии тағйироти онҳо тахти таъсири омилҳои антропогенӣ ва иқлимӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот дар кори илмӣ чунин вазифаҳо асоснок аз ҷониби муаллиф барраси ва таҳқиқ карда шуданд:

1. Ҷамъоварии маълумот оид ба минтақаи ҳавзавии Зарафшон ва хусусиятҳои иқлимии он барои давраи бисёрсолаи ретроспективии мушоҳидаҳо;
2. Таҳқиқи тавсифҳои асосии унсурҳои тавозуни обии ҳавзаи обгир дар заминаи тағйирёбии иқлим дар солҳои 1930-2020 ва дурнамои он то соли 2050;
3. Баҳодиҳии бехатарии гидроэкологии истифодаи захираҳои обии шохобҳои асосии дарёи Зарафшон;
4. Ҳамоҳангсозии реҷаҳои обгирӣ ва гидрологӣ дар зериҳавзаҳои дорои камбуди об дар шароити амалишавии сенарияҳои тағйирёбии иқлим;

Таҳлили самаранокӣ чорабиниҳои амалишаванда оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳо бо таҳлил ва коркарди омории маълумоти гидрологии беш аз 80 сол, истифодаи усулҳои муосири илмӣ-таҳқиқотӣ, гузаронидани озмоишҳои саҳроӣ ва экспедитсионӣ, инчунин мувофиқати ҳисобҳои назариявӣ бо маълумоти воқеӣ таъмин гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

1. Хусусиятҳои гидрологии ҷараёни солонаи оби дарёи Зарафшон ва шохобҳои он бо назардошти таҳқиқоти мушоҳидаҳои 90 солаи гидрологӣ ва қонунияти умумии тағйирёбии иқлим дақиқ карда шуданд;
2. Бузургиҳои ҳисобии элементҳои тавозуни оби ҳавза (воридот ва содирот) таҳти таъсири тағйироти иқлим, обшавии пиряхҳо ва зиёд шудани боришот то соли 2050 муайян шуданд;
3. Дар натиҷаи таҳлили маълумоти бисёрсола дар шароити тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2050, кӯчиши барвақтии давраҳои обхезии дарёи Зарафшон ва шохобҳои он муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии** муайян кардани тамоюлҳои тағйирёбии ҷараёни оби шохобҳои Зарафшон ва таҳияи моделҳои рақамии ҳисоби нишондиҳандаҳои гидрологӣ дар он ифода меёбад, ки заминаи илмии автоматикунонии ин равандҳоро фароҳам меорад.

**Аҳамияти амалии он бошад**, ба пешгӯии ҷараёни об дар солҳои серобӣ ва камобӣ такя карда, дар лоиҳакашии иншооти гидротехникӣ, таҳияи нақшаҳои истифодаи маҷмӯии захираҳои об ва ҳамчун маълумоти аналогӣ барои дигар дарёҳо истифода мешавад.

Муҳтавои кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин ба нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (зербахши 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои об, гидрохимия) мутобиқат мекунад:

3. Намунаҳои ташаккули тавозун ва ҷараёни об, таҳшинҳо, моддаҳои кимиёвӣ, ҷараёни гармӣ ва тағйирёбии фазоӣ ҳамчунин вақтии онҳо дар шароитҳои гуногуни табиию иқтисодӣ. Нақши гидрологии омилҳои табиӣ ва хоҷагидорӣ. Раванди ташаккулёбии маҷро. Омӯзиши хусусиятҳои физикӣ ва стохастикии (тасодуфии) тағйирёбии ҳаҷми оби дарёҳо дар миқёсҳои гуногуни фазоӣ ва вақтӣ.

11. Усулҳои ҳисоб ва пешгӯии намудани хусусиятҳои тавозунӣ ва маҷрои об, зарраҳои муаллақ ва таҳшинҳои ҳаракаткунандаи ҷараёни зеримаҷро ва моддаҳои кимиёвӣ; арзёбии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва тағйирёбии иқлим ба маҷрои об ва равандҳои гидрологӣ, инчунин ба ҳолати экологии объектҳои обӣ.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 замима, хулосаҳои асосӣ ва номгӯи адабиёти истифодашуда, ки 141 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии рисола 163 саҳифаи матни компютерии чопшударо ташкил медиҳад, ки аз он 125 саҳифааш матни асосӣ, аз ҷумла 32 расм ва 21 ҷадвал мебошанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳо, таҳияи методология ва усулҳои таҳқиқот иборат аст. Муаллиф мустақилона принсипҳои илмии ташаккули реҷаи гидрологии дарёи Зарафшон ва шохобҳои онро асоснок намуда, корҳои саҳроӣ ва экспедитсиониро ба анҷом расонидааст. Натиҷаҳои бадастомада дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, тавсияҳои амалӣ таҳия шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, ба чанд нуктаи дигар низ бояд таваҷҷуҳ кард:

1. Муаллиф қайд кардааст, ки дар ҳавзаи пиряхи Зарафшон 1272 пирях бо масоҳати умумии 655,76 км² (6,43%-и ҳудуд) ҷойгиранд. Бо вуҷуди ин, таҳлили раванди тағйирёбии ҳаҷм ва масоҳати пиряхҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим низ муҳим арзёбӣ мешавад.
2. Тавре ки маълум аст, нақшаи интиқоли оби дарёи Зарафшон ба ҳавзаи Сирдарё тарҳрезӣ шудааст. Ба фикри Шумо, оё бе розигии Узбекистон ин нақшаро амалӣ кардан мумкин аст?

Дар маҷмӯъ, арзёбии захираҳои оби қисми тоҷикистонии ҳавзаи дарёи Зарафшон бо истифода аз усулҳои дар гидрология умумиқабулшуда амалӣ карда шуд. Ба ғайр аз ин, усулҳои таҳлилӣ, ҳисобӣ, эҳтимолӣ, таҳлили маълумоти аввалия ва аналогияи ҷуғрофӣ истифода шудаанд. Усули асосии таҳқиқотро таҳлили низомӣ (системӣ) ва муқоисавии маводи оморӣ, табиӣ ва экспедитсионии коркардҳои худи муаллиф ва маводҳои қаблан нашршуда ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои номбаршуда арзиши илмии автoрефератро коста намегардонанд. Аз ҳамин лиҳоз, автoреферати кори диссертатсионии Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия пешниҳод карда мешавад ва номзад сазовори ҳимояи он мебошад.

**Тақризнавис:**
Қаландарбеков Имомёрбек
доктори илмҳои техникӣ, профессор
«25» августи соли 2026
Ихтисоси илмӣ: 05.23.17- «Механикаи сохтмон»
Вазифа: профессори кафедраи сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ
Ташкилот: Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Имзои Қаландарбеков И. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ